Лоиҳа

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз "___" ____________ соли 20__

# НИЗОМНОМАИ
# Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон (минбаъд – Низомнома) дар асоси моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» таҳия гардида, ташкили фаъолият, вазифаҳо, ваколат ва уҳдадориҳои Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгаронро (минбаъд – Комиссияи байниидоравӣ) муайян менамояд.
2. Комиссияи байниидоравӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиён озмун ва таҳвилгарон таъсис дода мешавад.
3. Комиссияи байниидоравӣ дар фаъолияти худ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур такя мекунад.

## 2.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ

4. Шиносоӣ бо шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон, барасмиятдарории қарорҳои қабулгардидаи дахлдор аз рӯи онҳо ва дигар амалҳои марбут ба баррасии шикоят, ба истиснои ҳолатҳои пешбинамудаи банди 15 Низомномаи мазкур, дар Портали хариди давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Портал) амалӣ карда мешавад.

5. Комиссияи байниидоравӣ шикоятҳоро танҳо дар сурате баррасӣ мекунад, ки агар иштирокчии озмун ё таҳвилгар аллакай тавассути Портал ба ташкилоти харидор оид ба ин масъала шикоят пешниҳод карда буда, шикоят рад карда шудааст ё қарор аз рӯи он аз ҷониби ташкилоти харидор қабул карда нашудааст ё қарори қабулшуда иштирокчии озмун ё таҳвилгарро қонеъ нагардонидааст.

6. Маќоми ваколатдори давлатї дар соњаи хариди давлатї ба раис ва аъзои Комиссияи байниидоравї дар баќайдгирї дар Портал мусоидат мекунад ва дар њолати зарурї тарзи кор дар модули «Шикоятњо»-ро меомўзонад.

7. Комиссияи байниидоравӣ ҳангоми пешниҳоди шикоят аз ҷониби иштирокчии озмун ва таҳвилгар ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба шикоят дар Портал дастрасӣ пайдо мекунад.

8. Комиссияи байниидоравӣ мувофиқи қарори раис дар асоси даъват ва баргузории ҷаласа амал мекунад. Иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон, ки шикоят пешниҳод карданд, ташкилкунандаи озмун, ташкилоти харидор, маќоми ваколатдори давлатї дар соњаи хариди давлатї ва дигар мақомот ё ташкилоти давлатӣ, ки ба манфиати онҳо шикоят дахл дорад, ҳуқуқ доранд тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ дар ҷаласаҳои Комиссияи байниидоравӣ иштирок намоянд.

9. Қарори Комиссияи байниидоравӣ дар сурате эътибор дорад, ки зимни қабули қарор на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Комиссияи байниидоравӣ, аз ҷумла раис ё дар мавриди ҳозир набуданаш муовини раис, иштирок дошта бошанд. Агар кворум таъмин карда нашавад, аъзои ҳузурнабудаи Комиссияи байниидоравӣ бо шахси мансабдори мақоми дахлдори давлатӣ дар асоси дархости Комиссияи байниидоравӣ ба мақоми дахлдори давлатӣ иваз карда мешавад.

10. Қарори Комиссияи байниидоравӣ бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад ва бо протокол мутобиқи замимаи 1 ба Низомномаи мазкур на дертар аз мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар сурати баробарии овозҳо, овози раис ё дар мавриди ҳозир набуданаш овози муовини раис ҳалкунанда мебошад.

11. Протокол бо имзои электронии рақамии раис ва аъзои Комиссияи байниидоравӣ имзо карда шуда, аз ҷониби котиби Комиссияи байниидоравӣ дар Портал ворид карда шуда, ба маълумоти иштирокчии озмун ё таҳвилгар, ташкилкунандаи озмун, ташкилоти харидор, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ва дигар мақомот ё ташкилоти давлатӣ, ки ба манфиати онҳо шикоят дахл дорад, тавассути огоҳинома расонида мешавад. Дар ҳолати ивази раис ё аъзои Комиссияи

байниидоравӣ мутобиқи банди 9 Низомномаи мазкур, Протокол бо имзои электронии рақамии шахсе, ки мувофиқан раис ва аъзои Комиссияи байниидоравиро иваз мекунанд, имзо карда мешавад.

12. Қарори Комиссияи байниидоравӣ оид ба шикояти иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон ниҳоӣ нест ва метавонад аз ҷониби шахси манфиатдор бо тартиби муқарраршуда ба суд эътироз карда шавад.

## 3.ВАЗИФАҲО ВА ВАКОЛАТҲОИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ

13. Вазифаи асосии Комиссияи байниидоравӣ баррасии саривақтӣ ва беғаразонаи шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон ва қабули қарори одилона аз рӯи онҳо мебошад.

14. Бо мақсади иҷрои вазифаи асосӣ, Комиссияи байниидоравӣ ваколатҳои зеринро дорад:

- ташкилоти харидор ва/ё ташкилкунандаи озмунро вазифадор намояд, ки чораҳои ислоҳиро ҷиҳати қонеъ гардониданӣ шикояти иштирокчии озмун ё таҳвилгар андешад;
- ташкилоти харидор ва/ё ташкилкунандаи озмунро дар ҳолати мувофиқи мақсад муайян намудан вазифадор намояд, ки расмиёти харид, иҷрои шартнома оид ба хариди давлатӣ ё амали созишномаи қолабиро ба муҳлат ва тибқи асосҳои муқаррарнамудаи Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ боздорад;
- дархости ташкилоти харидорро дар бораи идомаи расмиёти харид, иҷозат барои бастани шартнома оид ба хариди давлатӣ ё созишномаи қолабӣ ва идомаи иҷрои шартнома оид ба хариди давлатӣ ё созишномаи қолабӣ, агар инро манфиатҳои бетаъхири ҷамъиятӣ тақозо намояд, қонеъ гардонад;
- шикояти иштирокчии озмун ё таҳвилгарро тибқи асосҳои мукаррарнамудаи Низомнома дар бораи расмиёти хариди давлатӣ рад намояд;
- аз аъзои комиссияҳои озмунӣ, воҳиди хариди ташкилоти харидор ва шахсони масъули ташкилоти харидор ё ташкилкунандаи озмун асоснокии қарорҳо ва амалҳоро (беамалиро), ки боиси мавзӯи шикоят гардиданд, талаб намояд;
- аз иштирокчии озмун ё таҳвилгар маълумот ва (ё) ҳуҷҷатҳои иловагиро, ки барои омӯзиш ва қабули қарор аз рӯи шикоят заруранд, талаб намояд;
- аз мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ оид ба масъалаҳои марбут ба хариди давлатӣ машварат дархост намояд;

- дар мавриди зарурат барои маслиҳат оид ба масъалаҳое, ки ба мавзӯи шикоят дахл доранд, дар асоси музднок ё ройгон коршиносонро ҷалб намояд. Агар машваратҳои коршиносон дар асоси музднок пешниҳод карда шаванд, хароҷоти чунин машваратҳоро иштирокчии озмун ё таҳвилгар бо ҳуқуқи ҷуброни минбаъдаи онҳо аз ҷониби ташкилоти харидор дар сурати қабули қарор ба манфиати иштирокчии озмун ё таҳвилгар, ба уҳда дорад;
- мониторинги аз ҷониби ташкилоти харидор ва/ё ташкилкунандаи озмун иҷро намудани карорҳои дахлдорро амалӣ намояд;
- аз мақомоти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ва ҳуҷҷатҳои дахлдори марбут ба мавзӯи шикоятро талаб намояд.

15. Дар сурати мавҷуд набудани функсияҳои дахлдор дар Портал, амалҳои дар боби мазкур зикргардида метавонанд берун аз Портал анҷом дода шаванд.

## 4.УҲДАДОРИҲОИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ

16. Раис ва аъзои Комиссияи байниидоравӣ дар фаъолияти худ бояд ба принсипҳои поквиҷдонӣ, холисона ва муносибати баробар нисбати ҳамаи тарафҳое, ки шикоят ба манфиатҳои онҳо дахл дорад, такя кунанд.

17. Пеш аз оғози баррасии шикоят, раис ва аъзои Комиссияи байниидоравӣ бояд эъломияро дар бораи мавҷуд набудани бархӯрди манфиатҳо мутобиқи замимаи 2 ба Низомномаи мазкур пур ва имзо кунанд. Дар сурати мавҷудияти бархӯрди манфиатҳои раис, вазифаҳои ӯро муовини раис иҷро мекунад. Дар сурати бархӯрди манфиатҳои аъзои Комиссияи байниидоравӣ, ӯро шахси дигари мансабдори ташкилоти дахлдор иваз менамояд.

18. Комиссияи байниидоравӣ ҳеҷ гуна маълумотро ифшо намекунад ё муҳокимаи оммавӣ намегузаронад, агар ифшои чунин маълумот ё гузаронидани чунин муҳокимаҳо ба ҳифзи манфиатҳои муҳими амнияти миллӣ зарар расонад, ба принсипи махфӣ будани маълумоти дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мухолиф бошад, ба иҷрои қонунҳо монеъ шавад, ба манфиатҳои қонунии тиҷоратии иштирокчии озмун ё таҳвилгар зарар расонад ё рақобати одилонаро халалдор созад.

19. Раис, аъзо ва котиби Комиссияи байниидоравӣ, инчунин шахсони дигари ба ҷаласа даъватшуда, набояд то нашри расмии қарор маълумотро дар бораи рафти баррасии шикоят ба касе ифшо кунанд.

## 5.УҲДАДОРИҲОИ РАИС ВА КОТИБИ КОМИССИЯИ БАЙНИИДОРАВӢ

20. Раиси Комиссияи байниидоравӣ уҳдадораст:

- ҳамоҳангсозии умумии кори Комиссияи байниидоравиро бо иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон, ташкилотҳои харидор, ташкилкунандаи озмун, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ва дигар мақомот ё ташкилотҳои давлатӣ, коршиносон амалӣ намояд;
- ҷой, вақт ва рӯзномаи ҷаласаи Комиссияи байниидоравиро муайян мекунад;
- Комиссияи байниидоравиро дар мавриди баррасии парвандаҳо дар суд ҳангоми эътироз кардани қарор ва амали (беамалии) он намояндагӣ мекунад.

21. Котиби Комиссияи байниидоравӣ уҳдадораст:

- дар бораи шикояти воридгардида ба раис ва аъзои Комиссияи байниидоравӣ сари вақт хабар диҳад;
- иштирокчиёни озмун, таҳвилгарон ва шахсони дигари даъватшавандаро дар бораи ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа пешакӣ огоҳ созад;
- оид ба масъалаҳои марбут ба шикоят ҳамкории Комиссияи байниидоравиро бо иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон, ташкилотҳои харидор, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ ва дигар мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, коршиносон таъмин намояд.
- қарорҳои қабулшударо бо протокол мутобиқи замимаи 1 ба Низомномаи мазкур ба расмият дарорад, инчунин дигар амалҳоеро, ки бо функсионали Портал пешбинӣ шудаанд ва бо шикоят алоқамананданд, анҷом диҳад;
- ҳуҷҷатгузориро оид шикоятҳо пеш барад;
- ба аъзоёни Комиссияи байниидоравӣ дар бораи кори иҷрошуда ҳисоботи солона пешниҳод намояд;
- супоришҳои дигари раиси Комиссияи байниидоравиро, ки ба шикоятҳо алоқаманданд, иҷро намояд.

Лоиҳа

Замимаи 1

ПРОТОКОЛИ
ҷаласаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон
аз “___” _______________ соли 20 __, №___

Номгӯи шахси дархосткунанда

_______________________________________________________________

Суроғаи ҳуқуқии шахси дархосткунанда

_______________________________________________________________

Маълумот барои тамос бо шахси дархосткунанда

_______________________________________________________________

Ном, насаб ва номи падар ва мансаби шахси дархосткунанда, ки дар ҷаласаи Комиссияи байниидоравӣ иштирок намуд

_____________________________________________________________________________________
_______________________________________

№ ва санаи шикоят

_______________________________________________________________

Тавсифи шикоят

_____________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________
___________

Номгӯи ҳуҷҷатҳои ба шикоят замимашуда

1.____________________________________________________________

2.__________________________________________________________________

Номгӯи ҷавобгар

____________________________________________________________________

Суроғаи ҳуқуқии ҷавобгар

____________________________________________________________________

Маълумот барои тамос бо ҷавобгар

____________________________________________________________________

Ном, насаб ва номи падар ва мансаби шахси ҷавобгар, ки дар ҷаласаи Комиссияи байниидоравӣ иштирок намуд

____________________________________________________________________

Номгӯи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби ҷавобгар пешниҳодшуда

1.__________________________________________________________________

2.__________________________________________________________________

Комиссияи байниидоравӣ шикоят, ҳуҷҷатҳо ва нишондоди пешниҳодшударо баррасӣ намуда, қарор қабул кард:

Тавсифи қарор:

____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________
______

Асоснокии қарори қабулгардида:

____________________________________________________________________________________________
____________________________________________________________________________________________

________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
_____________________________________________________________________

Ба маълумоти шахси дархосткунанда оид ба ҳуқуқи пешниҳоди эътироз нисбати қарори мазкур ба суд дар ҳолати норозигӣ расонида шавад.

Котиби Комиссияи байниидоравӣ на дертар аз 1 (як) рӯзи корӣ баъди ба имзо расонидани протоколи мазкур, чораҳои заруриро ҷиҳати интишори он дар Портали хариди давлатии электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон андешад.

Руйхати шахсони дар ҷаласа иштирокдошта

Раиси Комиссияи байниидоравӣ

__________________________________________________________

Муовини Раиси Комиссияи байниидоравӣ

__________________________________________________________

Аъзои Комиссияи байниидоравӣ

__________________________________________________________

________________________________________________________________________________
________________________________________________________________________________
___________________________________________________________________________

Аз тарафи шахси дархосткунанда

__________________________________________________________

Аз тарафи ҷавобгар

__________________________________________________________

Аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи хариди давлатӣ

____________________________________________________

Аз тарафи мақомот ва ташкилоти дигар давлатӣ

____________________________________________________

____________________________________________________

Лоиҳа

Замимаи 2

ЭЪЛОМИЯ
дар бораи бархӯрди манфиатҳои аъзо ва котиби
Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои
иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон

Ман, ном, насаб ва номи падар

____________________________________________________________

Мансаб дар Комиссияи байниидоравӣ

____________________________________________________________

Ба ҳамин тасдиқ менамоям, ки

ба натиҷаҳои баррасии шикоят, ки аз “____” __________ соли 20___, таҳти №___ пешниҳод карда шудааст, мустақим ё ғайримустақим манфиатдор нестам,

аъзои комиссияи озмунӣ дар хариде, ки нисбати он шикоят пешниҳод карда шудааст, нестам ва дар таҳияи ҳуҷҷатҳои озмунии он иштирок накардаам,

бо иштирокчии озмун, таҳвилгар, ки шикоят пешниҳод кардааст, хеши наздик нестам, муносибатҳои фарзандхондӣ, васоят ё парасторӣ надорам,

мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси вобастаи иштирокчии озмун ё таҳвилгар, ки шикоят пешниҳод кардааст, нестам.

Бо ҳамин масъулиятро барои эътимоднокии маълумоти пешниҳодшуда ба зимма мегирам.

Имзо _____________________

“____” ___________ 20___ года.